## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ба ҳама соҳаҳои зиндагӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд, масъалаи ташаккул ва рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ҳоло, равандҳои иҷтимоишавӣ шакли нав гирифтанд, ки дорои манфиатҳои зиёд, аз қабили дастрасӣ ба иттилооти фаровон ва гуногун, имкониятҳои муошироти фаромарзӣ, имкони таҳсил дар шаклҳои фосилавӣ ва бархат, рушди тафаккури рақамӣ ва малакаҳои нав мебошанд. Ҳамзамон, онҳо боиси пайдо шудани як қатор хавҳо, ба монанди эҳтимоли таъсири арзишҳои бегона, вобастагӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ, коҳиш ёфтани муошироти зинда ва маҳдудияти таҷрибаи воқеии иҷтимоӣ, гирифторӣ ба иттилооти бардурӯғ ва зараровар шуда метавонанд. Яъне, истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва шабакаҳои компютерӣ, пеш аз ҳама шабакаи Интернет, агар аз як тараф, имкониятҳои нави таҳсил, муошират, худшиносӣ ва иштирок дар равандҳои иҷтимоиро фароҳам орад, аз тарафи дигар, хавфҳои гуногун, аз ҷумла дуршавӣ аз арзишҳои миллӣ, камранг гардидани муошироти зинда ва пайдоиши мушкилоти иҷтимоиву равониро низ ба миён меорад.

Бинобар ин, дар чунин шароит, нақши педагогикаи иҷтимоӣ хеле муҳим буда, бояд ба ҳалли мушкилоти мубрами ҷомеа нигаронида шавад, аз ҷумла: роҳнамоӣ ва ҳидояти ҷавонон дар интихоби дурусти муҳити интернетӣ, ташаккули мафҳуми масъулияти рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати иттилоотӣ ва фарҳанги муошироти маҷозӣ, мутобиқ сохтани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба шароити нави рақамӣ ва ғайра.

Унвонҷӯ Шарипов Р. С. зимни иҷрои кори таҳқиқотӣ ва таҳияи рисолаи илмӣ масъалаҳои марбут ба рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои муосири ТИК ва шабакаи Интернетро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Шарипов Р. С. дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» бо бандҳои алоҳидаи шиносномаи ихтисоси илмии

13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла бо бандҳои: *1-ум – Методологияи таҳқиқоти фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ* (методологияи фаъолияти иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, усулҳо; лоиҳакашӣ, пешгӯӣ, амсиласозии равандҳои иҷтимоию педагогӣ дар таҳсилот), *4-ум – Назария ва консепсияҳои фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ* (тарбияи иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоӣ; назарияи фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ: назарияи иттилооткунонии фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ, назарияи идоракунии системаҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоию педагогӣ), *5-ум – Амалияи фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ* (таҷрибаи тоҷикистонии фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; методҳои педагогӣ, идоракунии иҷтимоӣ дар муассисаҳои маориф; таҷрибаи ҳаракатҳои ихтиёрии ҷавонон; технологияҳои иҷтимоӣ (иҷтимоию педагогӣ); рушди иҷтимоии шахсият, тарбияи иҷтимоӣ) ва *6-ум – Сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ* (технологияҳо ва методҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, шохисҳои арзёбии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҷомеаи имрӯзаро бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва густариши шабакаҳои интернетӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки онҳо ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири амиқ мегузоранд. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккул ва рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон дар шароити муосир аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илмҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Барои насли ҷавон, ки дар марҳалаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ қарор доранд, истифодаи васеи муҳитҳои маҷозӣ ҳам имкониятҳои васеъ ва ҳам хавфҳои ҷиддиро ба бор меорад. Аз як тараф, агар Интернет ба ҷавонон имкони васеъ барои таҳсил, муоширати фарҳангӣ, дастрасӣ ба иттилооти муосир ва худшиносии рақамиро фароҳам орад, аз тарафи дигар, таъсири фарҳанги бегона, вобастагӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, пастшавии сатҳи муошırати зинда ва паҳншавии иттилооти носолим метавонад ба раванди иҷтимоишавӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар ин замина, ташаккули фарҳанги интернетӣ ва одоби рақамӣ барои ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ҳоло, тарбияи масъулияти рақамӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ ва рушди малакаҳои муоширати солим дар муҳити маҷозӣ ба унсурҳои муҳимтарини раванди иҷтимоишавии ҷавонон табдил ёфтаанд.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии Шарипов Р. С., ки ба пажӯҳиши хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон дар шароити истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаҳои интернетӣ нигаронида шудааст, на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, балки дорои аҳамияти амалӣ низ мебошад. Он барои

такмили назария ва методикаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва таҳияи роҳҳои самараноки педагогӣ ҷиҳати ҳидояти насли ҷавон ба иҷтимоишавии солим мусоидат менамояд, ки аз мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ шаҳодат медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар давоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби унвонҷӯ Шарипов Р. С. навгониҳои илмии зерин ба даст омадаанд:

- консепсия ва ҷузъҳои «фарҳанги интернетии ҷавонон» бо дарназардошти гурӯҳҳо аз рӯйи синну сол ва хусусиятҳои шахсӣ мушаххас карда шуданд;
- меъёр ва нишондиҳандаҳои муҳими ба самти «фарҳанги интернетии ҷавонон» алоқаманд муайян карда шудаанд;
- усулҳо ва захираҳо барои ҳамкории дастаҷамъӣ, аз ҷумла меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршуда дар робита ба иттилоот ва мубодилаи интернетӣ мураттаб шудаанд;
- меъёрҳое, ки ба равиши абзорӣ-фаъолиятӣ асос ёфтаанд, ба монанди донистани усулу восита ва принсипҳои фаъолияти иртиботӣ, мувофиқати фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ ба меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамкории бомуваффақияти иҷтимоӣ дар шабакаи Интернет коркард ва самаранокии истифодаи онҳо собит карда шудааст;
- се сатҳи ташаккули фарҳанги интернетӣ дар байни ҷавонони муассисаҳои таълимӣ: мутобиқшавӣ (паст), маҳсулнокӣ (миёна) ва эҷодкорӣ (баланд) таҳия ва пешниҳод карда шудааст;
- барномаи модули таълимии (курси махсуси) «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ» коркард ва ҷорӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, мавқеи илмии унвонҷӯро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён месозанд, ки мазмуни асосӣ ва моҳияти мантиқии диссертатсияро инъикос карда, натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқро муаррифӣ менамоянд:

1. Муҳити муосир аҳамияти роҳҳои гуногуни муоширати иттилоотиро таъкид мекунад, зеро ҳаҷми иттилоот ҳамасола босуръат афзоиш ёфта, усулҳои нави пахши он ҷорӣ карда мешаванд ва дар ин раванд маҳз Интернет нақши калидӣ мебозад. Фазои маҷозӣ ба шабакаи асосии интиқоли дониш, ақида ва эҳсосот табдил ёфтааст. Ҷаҳонишавӣ раванди ҳамгироии ҷаҳони сифатан нав, бо ҳам алоқаманд ва вобастагӣ аз таваҷҷуҳ ба анъанаҳои фарҳангӣ, навоварӣ ва муошират ҳисобида мешавад.

2. Суръати рушди зеҳни сунъӣ барои густариши сегменти Интернети Тоҷикистон уфуқҳои нав мекушояд, ки ба ҳамкории фаъолтари ҳувиятҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ анъана ва урфу одатҳои беназири мардуми тоҷикро ба назар гирифта, ҳамзамон бо тамоюлҳои фарҳангии ҷаҳонӣ робита нигоҳ доштан муҳим аст. Ҷанбаи калидӣ дар ин ҷо зарурати таҳияи сиёсати миллии фарҳангӣ мебошад, ки истифодаи имконият ва воситаҳои ТИК-ро барои пешбурди забон, адабиёт, мусиқӣ ва осори дигари фарҳангӣ ташвиқ мекунад. Ин ба насли ҷавон имкон медиҳад, ки решаҳои худро беҳтар азхуд кунанд ва ҳамзамон аз бартариҳои технологияҳои рақамӣ баҳра баранд.

3. Мақомоти давлатӣ бояд ба вусъати истифодаи воситаҳои ТИК дар байни ҷавонон диққати ҷиддӣ диҳанд, ҷавононро аз маълумоти манфӣ муҳофизат кунанд ва муҳити мусбии фазои интернетиро на ҳамчун муҳити беҳбудии шахсӣ, балки ҳамчун муҳити шаҳрвандӣ ва робитаҳои фарҳангӣ эҷод кунанд.

4. Фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгиранда ҷузъи фарҳанги умумист, ки ҷузъҳои меъёрӣ-рафторӣ, иртиботӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад, ки ба ташаккул ва рушди қобилиятҳои муошират ва ҷустуҷӯйи дониш дар бораи имкониятҳо ва механизмҳои фаъолият дар шабака, рушди иттилоот нигаронида шудаанд.

5. Фарҳанги муосири интернетии ҷавонон дар асоси эҷодкорӣ, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ ташаккул меёебад. Ин хусусиятҳо на танҳо сатҳи иштироки ҷавононро дар фаъолияти иттилоотӣ муайян мекунанд, балки ба меъёери муваффақияти онҳо дар муҳити маҷозӣ табдил меёбанд. Арзиши фаъолияти коммуникатсионӣ дар Интернет дар ҷустуҷӯйи мубодилаи созанда ва эҷоди мундариҷаи босифат зоҳир мешавад, ки дар навбати худ сатҳи эътимод ва эҳтиромро дар байни аъзои ҷомеаи маҷозӣ баланд мебардорад. Андозагирии фаъолияти ҷавонон дар шабака ҳавасмандии объективӣ ва муносибати арзишмандро ба кори иттилоотӣ дар бар мегирад. Пайдоиши платформаҳо ва воситаҳои гуногуни муошират ба ташаккули таваҷҷуҳи устувор ба риояи тартибу низом ва қоидаҳои истифодаи оқилонаи ТИК мусоидат мекунад.

6. Фаҳмидани асосҳои шарикӣ дар шабака ба як маҳорати зарурӣ барои ҳамкории бомуваффақият ва муттаҳид кардани кӯшишҳо дар эҷоди иттилоот табдил меёбад. Донистани қоидаҳо ва стандартҳои муошırати интернетӣ на танҳо сифати мундариҷаро баланд мебардорад, балки ба мутобиқшавии корбарони ҷавон ба муҳити зудтағйирёбандаи иттилоот мусоидат мекунад. Огоҳӣ аз усулҳо ва воситаҳои зеҳнӣ дар шабака масъулиятро ба иштирокчиён вогузор намуда, онҳоро ба меъёрҳо ва стандартҳои иҷтимоӣ такя мекунонад, ки ин дар навбати худ барои муоширати солим ва фаъолияти пурсамар дар фазои интернетӣ замина фароҳам меорад.

7. Рушди самараноки фарҳанги интернетии насли ҷавон аз тариқи фароҳамсозии шароитҳои таълимиву тарбиявӣ, ба монанди ташаккули фарҳанги интернетии таълимгирандагон дар заминаи амсилаи сохторӣ-вазифавӣ, амалисозии барномаи модули таълимии (курси махсуси) «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ» дар фаъолияти таълимиву тарбиявӣ, истифодаи васеи имконият ва воситаҳои ТИК дар ҷараёни чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ, таъмин карда мешавад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз заминаҳои методологӣ ва омӯзишу баррасии сарчашмаҳои илмии ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, татбиқи як қатор усулҳои мувофиқ ба мақсаду вазифа ва объекту предмети таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи сифатӣ ва миқдории маълумоти эмпирикӣ, ки дар ҷараёни кори озмоишӣ ба даст оварда шудаанд, истифодаи тести дутарафаи Пирсон (меъёри $\chi^2$) барои таҳлили маълумотҳои озмоишӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқотӣ, инчунин пажӯҳиши ҷабҳаҳои гуногуни мавзуи диссертатсионӣ таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ Шарипов Р. С. дар хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, инчунин хулосаҳои ҳар боби алоҳидаи рисола ҷамъбаст карда шудаанд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот мекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ, инчунин, дар мақолаҳои илмии таҳия ва нашркардаи унвонҷӯ, иштирок ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ таҷассум ёфтаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои асосии аз таҳқиқот бадастомада, ки дар навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисолаи илмии Шарипов Р. С. таҷассум ёфтаанд, баёнгари аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсия мебошанд.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот* дар он таҷассум меёбад, ки он: ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгирандаро ошкор менамояд; хусусиятҳои муҳим ва пурмазмуни мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити таълим»-ро ошкор мекунад; меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асоснокшуда сатҳи фарҳанги ташаккулёфтаи интернетии ҷавонони таълимгирандаро муайян мекунанд; маҷмуи шароитҳои педагогии баррасишуда хусусиятҳои ташаккули сатҳи баланди фарҳанги интернетиро дар байни ҷавонон муайян менамояд.

*Аҳамияти амалии таҳқиқотро* метавон дар нуктаҳои зерин дарҷ намуд:

- амсилаи таҳияшудаи раванди ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ метавонад, ки бо мақсади муносибгардонии ташаккули малакаҳои фаъолияти муассири иттилоотӣ ва коммуникатсионии ҷавонон дар фазои интернетӣ мавриди истифода қарор дода шавад;
- истифода ва татбиқи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои таҳия ва мураттабшуда имкон медиҳад, ки сатҳи ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон назорат карда шавад;
- барномаи муаллифии модули таълимии (курси махсуси) «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ»-ро метавон дар корҳои (машғулиятҳои) беруназаудиториявӣ амалӣ кард, ки он боиси баланд шудани сатҳи ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон шуда метавонад;
- хулосаҳо ва муқаррароти асосӣ, натиҷаи озмоишҳо, саволнома ва тестҳо метавонанд, ки дар ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷиҳати беҳтар кардани таълими фарҳанги интернетӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна умумӣ (мактабҳо), муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна касбӣ (коллеҷҳо) ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии умумӣ (донишгоҳҳо) истифода бурда шаванд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотиии унвонҷӯ Шарипов Р. С. дар 11 интишорот, аз ҷумла, дар шакли 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-тои он дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 1 монография ва 4 мақолаи дар маҷаллаҳои дигар ва маҷмуаи маводҳои конференсияҳои гуногун ба табъ расонида шудаанд, ки мазмуну мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ва хулосаю тавсияҳои ӯро инъикос мекунанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таълифи диссертатсия ва автореферати он бо дарназардошти талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссертатсия мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба таври фишурда ифода карда, моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасонида ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯро дар бар мегирад.

Эътимоднокии навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯ аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Рисола ба забони равони илмӣ таълиф гардида, дар он пайдарпайии мантиқии маълумот риоя ва робитаи байниҳамдигарии бобҳою фаслҳои алоҳида таъмин карда шудаанд.

**8. Камбудиҳои диссертатсия ва эродҳо нисбати онҳо.** Дар қатори дастовардҳою арзишҳои назарраси назариявию амалии ҳосилкардаи унвонҷӯ, диссертатсия ва автореферати он аз камбудию норасоиҳо орӣ нест, ки баррасии чанде аз онҳо барои ислоҳу тавзеҳ дар мавриди такмилу таҷдиди мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ ба манфиат хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар баробари дар кори илмӣ истифода шудани таҳқиқотҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ ва дарҷ гардидани ақидаю гуфторҳои онҳо, ки ба бахшҳои алоҳидаи диссертатсия тааллуқ доранд ва истинодҳо низ ба онҳо оварда шудаанд, дар рисола, инчунин олимони зиёди дигар номбар гардидаанд (масалан, ниг. ба саҳ. 10, 41-43, 90), ки ба асарҳои илмӣ ва корҳои таҳқиқотии онҳо истинодҳои мушаххас оварда нашудаанд; дар рӯйхати адабиёт низ интишороти аксари онҳо дида намешавад.

2. Тавре дар диссертатсия дарҷ гардидааст, барои арзёбии аҳамияти фаъолиятҳои гуногун дар раванди гирифтани маълумоти нав (саҳ. 146) ва муайян кардани сатҳи ташаккулёбии фарҳанги интернетӣ дар марҳалаҳои муайян (саҳ. 149) аз саволномаҳо: Саволномаи 1 ва Саволномаи 2, ки мувофиқан дар саҳифаҳои 147-148 ва саҳифаи 149 ҷойгиранд, истифода бурда шудааст. Аммо додаҳои оморие, ки зимни гузаронидани пурсишҳо бо истифода аз ин саволномаҳо ба даст омадаанд, дар диссертатсия ҷой дода нашудаанд. Хуб мебуд, агар онҳо ҳадди ақал ҳамчун замимаҳои диссертатсия ҷой дода мешуданд.

Дар ҳамин робита, дар диссертатсия дарҷ шудааст: «Натиҷаҳо дар шакли диаграмма оварда шуда, ...» (саҳ. 148). Аммо, чӣ гуна ба даст омадани диаграммаи 1 (саҳ. 148) аз натиҷаҳои пурсиш тавассути Саволномаи 1 норавшан аст: саволҳои саволнома ва бандҳои диаграмма байни ҳам мувофиқ намеоянд.

3. Як қатор истилоҳҳое низ дар матни диссертатсия вомехӯранд, ки аз рӯйи навишту талаффуз ба забонҳои русию англисӣ мувофиқат мекунанд (масалан, браузер, визуалӣ, виртуалӣ, гиперматн, лаборатория, мултимедиявӣ, онлайн, оффлайн, плагиат, потенсиал, проблема, провайдер, программа, сайт, сервис, система, филтр, формат). Новобаста аз ҷоиз будани истифодаи онҳо дар чунин шакл, беҳтар мебуд, агар ҷойгизуни онҳо, ки аллакай ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаю мавриди истифода низ қарор доранд, истифода мешуданд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷо-ҷо хатоҳои имлоию услубӣ ва камбудиҳои ороишӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла: қисман мувофиқат накардани номи баъзе боб ва фаслҳо дар бахши Мундариҷа ва матни диссертатсия (масалан, номи боби 1: ниг. ба саҳ. 2 ва 17); дар аксари маврид истифода нашудани ҳарфи «ё» (ҳамчун ҳарфи «е» истифода шудааст); дар чандин ҳолат бо ҳарфҳои хурд навишта шудани ихтисораи ВАО (масалан, ниг. ба саҳ. 19, 22, 26); истифодаи якчанд комбинатсияи навишти номи сатҳҳои ташаккули фарҳанги интернетӣ (се сатҳ; масалан, ниг. ба саҳ. 12, 83, 112, 136); ҷо-ҷо такрор шудани матнҳои мазмунан якхела (масалан, абзатсҳои 3 ва 4 дар саҳ. 132-133, абзатсҳои 1 ва 2 дар саҳ. 155, банди 11 ва абзатси охир дар саҳ. 170-171); дар баъзе ҷойҳои рӯйхати адабиёти истифодашуда риоя нагардидани батартибории пурра аз рӯйи алифбо ва ғайра.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ин камбудӣ ва эродҳо бештар хусусияти техникию тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ сатҳу сифат ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд.

**Хулоса**

Дар асоси маълумоти болозикр, дар робита ба кори таҳқиқотии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ҳамчун хулоса дарҷ кардани нуктаҳои зеринро зарур мешуморем:

1. Диссертатсияи Шарипов Р. С. дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

2. Унвонҷӯ ба ҳадафҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои таҳқиқотиро иҷро ва фарзияи таҳқиқотро исбот кардааст.

3. Интишороти унвонҷӯ ва автореферати диссертатсия фарогири мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия мебошанд.

4. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

5. Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфт кардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидаанд (дар таҳрири нав: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи
барномасозӣ ва муҳандисии компютерии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА**
**Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*26-уми августи соли 2025*

**Маълумот барои тамос:**

| | |
|---|---|
| Нишонӣ: | 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| Почтаи электронӣ: | Rustam_N@hotmail.com |

*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Абдуназаров А. Ҷ.